**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Дар илми муосир мафҳуми дискурс дар як қатор соҳаҳои он ба кор меравад ва мавриди таҳқиқи олимони сиёстатшиносӣ, фалсафа, сотсиология, антропология мегардад. Илми забоншиносӣ дар ин радиф мавқеи хосаи худро ишғол менамояд, ки дискурсро ба таври худ таърифу тавсиф намуда, объект ва вазифаҳои онро муайян месозад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми дискурс аз падидаҳои нави пажуҳишҳои забонӣ ба шумор рафта, вобаста ба хусусияти ташаккулёбии матн аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва вежагиҳои забонӣ ба гуруҳҳои гуногун ҷудо мешавад. Дискурси сиёсӣ яке аз намудҳои муҳим ва барҷаста ба шумор рафта, таҳқиқ вежагиҳои забонии он аз аҳамияти бузурги илмӣ бархурдор аст. Аз ин лиҳоз мавзӯи интихобнамудаи Иматова М.Қ. хеле мубрам буда, ба бисёр масъалаҳои забоншиносӣ равшанӣ хоҳад андохт. Мубрамии мавзӯи диссертатсияи мавриди тақриз боз дар он зоҳир мегардад, ки дискурси сиёсӣ дар мисоли забони тоҷикӣ бори нахуст мавриди пажӯҳиши махсус қарор гирифта, роҳу воситаҳои тарҷумаи он ба забони маъмултарини дунё – забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд. Ин иқдом низ аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдор буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсияи номзадии Иматова М.Қ. аз муқаддима, се боб, хулоса, фехрасти адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф интихоби мавзӯи таҳқиқотии худро асоснок намуда, ба дараҷаи омӯзиш, аҳамият ва мақсаду вазифаҳои он равшанӣ меандозад ва ҳамчунин оид ба объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия маълумот медиҳад.

Боби якуми диссертатсия «Шинохт ва пажуҳиши дискурс дар забоншиносӣ» ба масъалаҳои назариявии дискурс ва ташшаккули он дар забоншиносӣ, дискурс дар забоншиносии рус, тоҷик ва ҳамчунин омӯзиши ақидаҳои олимони Ғарб бахшида шудааст. Дар ин ҷода диссертант ба кори олимони зерин такя намудааст: З. Ҳаррис, Э. Бенвенист; Тван Дейк; Ж.Ж.Деррида; Ҷ.Р.Сёрл; К.Халлидей; З.Харрис; М. Пушо; Д.Малдидиер; А.Греймас, Ж. Курте; С.Ҳолл; Т.Фэйрклаф;Н.Д.Ауртюнова; В.В.Богданов; Б.М. Гаспаров; М.Л.Макаров; В.И.Карасик, А.Г.Баранов; Е.И.Шейгал; В.Е.Чернявская; В.З.Демянков; О.Л.Михалёва; Е.С.

Кубрякова; А.В. Переяшкин ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки, дар ҳақиқат, масъалаҳои дискурс аз солҳои 50-уми қарни гузашта мавриди таваҷҷуҳи олимони забоншинос қарор гирифта, аз ҷониби олимони Ғурб ва рус таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки овардани ин ақидаҳои дар қисмати назариявии мавзуъ аз аҳамияти назариявӣ орӣ нест. Ба назар муаллифи диссертатсия, дар забоншиносии тоҷикӣ мафҳуми дискурс ва дискурси сиёсӣ аз ҷониби олимон мавриди пажуҳиши махсус қарор нагирифтааст, ки ин ҳам яке аз далелҳои ба ин мавзуъ рӯ овардани диссертант мебошад, ҳарчанд, чунон ки аз таҳқиқоти олими ҷавон бармеояд, чанд муаллиферо метавон ном гирифт, ки ба таври ғайримустақим ба баъзе паҳлуҳои масъалаҳои дискурс ҳангоми баррасии мавсъалаҳои марбут ба матн таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, чунончи З.Мухторов (2010); А.Насриддин (2009); Ф. Шарипова (2017) ва ғайра.

Боби дуюм таҳти унвони «Хусусиятҳои лексикии дискурси сиёсӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ» ба таҳлили луғавии матни сиёсӣ ва хусусияти лексикии тарҷум аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ бахшида шудааст. Мубрамии ин қисмати диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои луғавии дискурси сиёсӣ дар забон тоҷикӣ то ба ҳол мавриди пажуҳиши махсус қарор нагирифтааст. Афзалияти дигари ин бахш дар он аст, ки хусусияти тарҷумаи воҳидҳои луғавии дискурси сиёсӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ баррасӣ шудаанд, ки ин ҳам аз руйкардҳои нави муаллиф далолат мекунад. Дар ин бахши кор воҳидҳои луғавӣ ба монанди истилоҳоти сиёсӣ, вожаҳои ифодакунандаи созмонҳо, стратегияҳо ва иқдомҳои сиёсӣ, ибораҳои устувор, калимаҳои ифодакунандаи маҷоз мавриди таҳлили маъноии махсус ва амиқ дар забони тоқикӣ қарор гирифта, ҳусни тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ бо мисолҳои мушаххас аз сарчашмаи боэътимод нишон дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия бо номи «Хусусиятҳои дустурии дискурси сиёсӣ ва ҳусни тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ” ба масъалаҳои марбут ба таҳлили сохторӣ-маъноии воҳидҳои дастурии забон ба монанди мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ, ҷонишинҳои шахсӣ, сифат бахшида шудааст, ки аз лиҳози муҳтаво ва равиши кор яке аз иқдомҳои аввалин дар забоншиносии тоҷикӣ мебошад.

Дар қисмати хулоса муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро мантиқан ҷамъбаст менамояд.

Дар замима муаллиф дар шакли ҷадвал ҷумлаҳои дузабонаро бо мисолҳои воҳидҳои луғавӣ ва дарстурӣ пешниҳод кардааст.

Диссертатсияи мавриди тақриз, бешубҳа, ба рушди илми забоншиносии муқоисавӣ ва такмили омӯзиши матнҳои сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума ҳангоми омӯзиш ва истифодаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзӯи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи забоншиносии**
**муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич**

**Нишонӣ:**
**734019, ш. Душанбе,**
**к. Муҳаммадиев 17/6**
**Нишонии электронӣ: rectorat@ddzt.tj**
**Телефон: (+992 37) 232 50 03**

**Имзои Турсунов Фаёзҷон**
**Мелибоевичро тасдиқ мекунам**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**
**10.04.2023**